## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи “Бурҳони қотеъ”)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ**

Лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар баробари яке аз муҳимтарин соҳаҳои вожашиносӣ маҳсуб ёфтан, инчунин, муҳимтарин масъалаи таҳқиқоти этнолингвистикӣ низ ба шумор меравад. Зеро этнолингвистикаи муосир на танҳо ба омӯзишу таҳқиқи мероси маънавию фарҳангӣ машғул мебошад, балки ба пажуҳиши мероси моддӣ ба соҳибзабонон ёрӣ мерасонад.

Ҳунарҳои мардумӣ бахше аз мероси моддии соҳибзабонон ба ҳисоб рафта, дар давраҳои гуногуни таърихӣ ташаккул ва таҳаввул ёфтаанд. Қисмате аз ҳунарҳои мардумӣ, ки дар гузашта истифода мешуданд, имрӯз низ мустаъмаланд ва мардум аз онҳо васеъ истифода мебаранд.

Вожагони ҳар забонро калимаҳое ташкил медиҳанд, ки як мафҳуми мушаххасро ба таври дақиқ ифода намуда, дар ҳамаи забонҳо, новобаста аз соҳаҳои гуногун, аз қабили тиббӣ, кишоварзӣ, ҳуқуқӣ, молиявӣ, илмҳои дақиқ, техникӣ ва ғайра мавҷуданд. Агар иддае аз вожаҳо соҳаҳои мазкурро дар тули таърих ҳамроҳӣ намуда бошанд, бархе дар масири таърих аз истеъмол баромадаанд ва вожаҳои нав ҷойгузини онҳо гардидаанд, ки воқеияти чунин ҳолатро танҳо фарҳангномаҳо бозгӯйӣ карда метавонанд.

Таҳқиқи вожаҳои ҳунарҳои мардумӣ ҳамчун ҷузъи воҳиди лексикӣ мавзуи таҳлилу баррасии корҳои таҳқиқотии забоншиносӣ буда, солҳои охир нисбат ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии он таваҷҷуҳ бештар зоҳир шуда истодааст.

Вожаҳои марбут ба ҳунари бофандагӣ дар забони тоҷикӣ аз ҷониби муҳаққиқон С. Усмонова, Г. В. Набиева, Б. Мирзоева ва дигарон ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Доир ба вожагони ҳунармандӣ, инчунин, дар корҳои таҳқиқотии марбут ба шевашиносӣ низ маълумоти хеле ҷолиб мавҷуд аст. Аз ҷумла, муҳаққиқон А. Л. Хромов, М. С. Андреев, Р. Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев, М. Маҳмудов, Б. Бердиев, Ш. Исмоилов, Н. Гадоев, Р. Сангинова, С. Раҳматуллозода, Г. З. Абдуллоева, И. Сулаймонов, С. Шердилова ва дигарон ҳангоми таҳлили ин ё он шеваи забони тоҷикӣ ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд.

Маврид ба зикр аст, ки аз ҷониби забоншиносони ватанӣ А. Капранов, Ҳ. Рауфов, А. Сангинов, Д. Баҳриддинов, А. Отахонова, П. Нуров ва дигарон бархе аз фарҳангномаҳо барои истилоҳгузинии соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, барои соҳаҳои ҳунармандӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Таҳқиқоти мавриди назар дар доираи Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Солҳои рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021”, ки яке аз самтҳояш омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ва эҳё намудани анъанаҳои миллии Тоҷикистон аст, сурат гирифта, дар навбати худ ба самтҳои афзалиятноки илм робитаи бевосита дорад. Илова бар ин, дастовардҳои диссертатсияро метавон дар донишгоҳу донишкадаҳо мавриди дарсҳои амалии вожашиносӣ, луғатнигорӣ, шевашиносӣ, номшиносӣ ва баррасии масъалаҳои этнолингвистӣ ҳамчун воситаи ёрирасони таълим истифода намуд. Ҳамчунин, диссертатсия дар навиштани асарҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, дастуру воситаҳои таълимӣ ва фарҳангномаҳо маводи фаровон дода метавонад.

Дар рисола унвонҷӯ ба масъалаҳои назариявӣ ва баррасии вожагони ҳунарҳои мардумӣ аз назари этнолингвистӣ таваҷҷуҳ карда, роҳҳои ба таҳаввулот дучор гардидан ва ташаккул ёфтани вожагони ҳунарҳои мардумӣ, аз қабили бофандагӣ, ресандагӣ, дӯзандагӣ ва пазандагиро дар асоси моддаҳои луғавии фарҳангномаи “Бурҳони қотеъ” аз дидгоҳи назариявӣ нишон дода, дар таҳқиқот хусусиятҳои лексикӣ, манбаи ташаккули калимаҳо, вожаҳои иқтибосӣ ба таври алоҳида ва ҳамаҷониба таҳлил шуданд, инчунин, доир ба ҳар масъалаи пешниҳодшуда хулосаҳои муҳимми илмӣ баровардааст. Бобҳо, фаслу зерфаслҳои рисола пайи ҳам ва бо мантиқ тарҳрезӣ шудаанд, ки роҳҳои пешгирии хавфи ба фарҳанги миллӣ бегона мондани вожаҳои аслии соҳаҳои ҳунармандиро дар шароити ҷаҳонишавӣ нишон медиҳад.

Ҷиҳати баррасии амиқи масъала унвонҷӯ аз таҳлилу баррасии андешаи муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ самаранок истифода карда, ҷиҳати тақвияти фикр аз асарҳои муҳаққиқони соҳа иқтибосҳо оварда шудааст. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот бо нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводи гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқа бо мақсаду вазифаи таҳқиқ, ҳадаф ва мантиқи онҳо асос ёфта, дар он маводи мавриди таҳқиқ бо фарҳангномаҳои муосир муқоиса шудааст. Зимни овардани андешаҳои донишмандон мулоҳизаҳои шахсии унвонҷӯ низ ба назар мерасад, ки аз мустақилияти афкори илмии муҳаққиқ дарак медиҳад.

Кори таҳқиқии Ш.Б. Буриева оид ба масъалаи этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи фарҳангномаи «Бурҳони қотеъ») бори нахуст дар шакли диссертатсияи

илмӣ мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор дода шуда, доир ба этнолингвистии вожаҳои марбут ба ҳунарҳои мардумӣ таҳқиқоти амиқу дурустро нишон додааст, ки ин бешубҳа, нишонаи навгонии кор ба шумор меравад.

Хулосаҳои бобҳо ва хулосаи умумии кор мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро мегиранд. Пешниҳод ва тавсияҳо ба мантиқи таҳқиқ муносиб мебошанд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ мустақилона навишта шуда, масоили матраҳшуда пайиҳам ва бомантиқ тарҳрезӣ гардида, дорои мазмуну муҳтавои ягонаи илмӣ мебошад. Хулосаҳо, тавсияҳо, натоиҷ ва нукоти илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия шаҳодат медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Муҳтаво ва натиҷаҳои кори диссертатсионӣ ва тавсияҳои муаллиф дар 10 мақола, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи кори диссертатсионӣ алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ҳам мазмуну муҳтавои диссертатсияро фаро мегирад. Теъдоди мақолаҳои илмии нашркардаи унвонҷӯ ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

Дар диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна маводи истифодашудаи иқтибосӣ бо ишора ба муаллиф ё маъхаз пешниҳод гардидааст. Ин гувоҳи он аст, ки банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ риоя гардидааст.

Хулосаи умумии диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ, мазмуну муҳтаво ва моҳияти масъалаҳои асосии корро муайян намуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсиониро нишон медиҳад. Муҳиммии таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши илмию амалии корро ба эътибор гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса меояд, ки диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи “Бурҳони қотеъ”)” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва

онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Буриева Шаҳноза Бекмуратовна дар мавзуи «Таҳлили этнолингвистии лексикаи ҳунарҳои мардумӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи “Бурҳони қотеъ”)” кори анҷомёфта буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ–таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Ҳомидов Дилмурод**– доктори илми филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Бобомуродова Маҳбуба** – номзади илми филология, дотсенти кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ,
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳасан Баротзода

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология, узви вобастаи АМИТ,
узви шурои диссертатсионӣ Раҳматуллозода Сахидод

доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Нуров Пирмаҳмад

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ

“ 25 ” ноябри соли 2024